# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-048 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Моҳираи Раҳмон ба ҳимояи такрорӣ дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

Дар асоси қарори раиси шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-048 Сатторов А.Э. аз 11.06.2021, №1 комиссияи экспертӣ дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст: узви шӯро, Сафаров Ҷумабой – доктори илмҳои физикаю математика, профессор (ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ), раиси комиссия; Шамсудинов Файзулло Маҳмадуллоевич – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент (ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ). Хоҷаев А. – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент 13.00.02 – Назарияи ва методикаи омӯзишу парвариш (математика) – узви комиссия.

Комиссия таҳқиқотҳои диссертатсионии Моҳираи Раҳмонро омӯхта, мавриди баррасӣ қарор дода, ҳисоб мекунад, ки он кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқот ба ҳадафҳои стратегии мамлакат роҷеъ ба мувофиқ гардонидани натиҷаҳои илмҳои бунёдӣ, дақиқ, техникӣ ва эксперементалӣ ба воқеияти объективӣ созгор мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 24 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоаш мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 19-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ таъмини методии омӯзиши элементҳои комбинаторика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим иборат мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бар пояи маҷмӯъ усулҳои назарӣ ва амалии мутобиқ ба мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методологияи диди системавӣ, консепсияи илмии ташхиси компютерӣ, принсипҳои амсиласозӣ ва натиҷаи озмоишҳои педагогӣ устуворона пойбарҷо буда, пойгоҳи асоснокӣ ва мӯътамадии мазмуну мундариҷаи диссертатсияро хулосаҳо ва тавсияҳои дар он шакл гирифта, натиҷаҳои илмии бо истифода аз усулҳои замонавӣ ва санҷидашудаи педагогӣ бадастомада, боэътимодӣ ва миқдори кифояи таҷрибаҳои педагогӣ, муқоисаи онҳо бо сарчашмаҳои маълум, эксперементҳо, арзёбии натиҷаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва нашри маводи илмии таҳқиқотӣ ташкил додаанд.

Модели назариявии стандарт, барнома, нақшаи таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият тартиб дода шуд; методикаи омӯзиши элементҳои комбинаторика дар асоси муносибати босалоҳият тартиб дода шуд.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Диссертатсияи Моҳираи Раҳмон ба ҳимояи такрорӣ дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ), ки мутобиқи ихтисос ва соҳаи илмии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 омода гардидааст, пас аз гирифтани иҷозати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ. оид ба ташкили ҳимояи якдафъаина, ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

**Қарори комиссияи экспертӣ**

Дар асоси банди 56 Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021) комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 қарор менамояд:

1. Мавзӯъ ва мазмуни диссертатсия ба пуррагӣ ҷавобгӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва самти шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048 мебошад.
2. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия фарогири бандҳои 3, 4, 5, 8, 9, 20, 21, 29 ва 31 шиносномаи ихтисоси назария ва методикаи омӯзишу парвариш мебошад.
3. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи методикаи таълими математика навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф паҳлуҳои назарӣ ва амалии илми педагогика ва методикаи омӯзишу парваришро такмил медиҳанд ва ба рушди методикаи таълими математика, ки дар ҷумҳурии мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, муътамадона мусоидат менамоянд.
4. Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаи довталаб ба талаботи «Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ», «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №505 ва 26.11.2016) пурра ҷавобгӯ мебошад.
5. Дар диссертатсия ҳамаи адабиёти истифодашуда бо ишора ба муаллифон ва маъхазҳо тавассути иқтибосоварӣ ба расмият даровarда шуда, пурра риоя шудааст.
6. Ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» хоҳиш карда мешавад, ки

барои қабул ва ташкили ҳимояи такрории диссертатсияи номзадии Моҳираи Раҳмон, тибқи муақаррароти Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ дар заминаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-048, муттахассисон аз рӯйи ихтисосҳои зерин – **Сатторов Абдурасул Эшбекович –** д.и.п., (ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика)) раиси шӯро; **Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович** – д.и.п., (ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика)) муовини раиси шӯро; **Ойматова Ҳоҷармо Холмуродовна** – н.и.п., (ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (физика)) котиби илмии шӯро; **Шодиён Муҳаммад Султонзода** – (ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (математика)), узви шӯро; **Комилӣ Абдулҳай Шарифзода** – д.и.ф.-м., (ихтисоси 07.00.10 – таърихи илм ва техника) узви шӯро; **Файзализода Баҳрулло Файзалӣ –** д.и.п. (ихтисоси 13.00.02. – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика)) узви шӯро; **Шамсудинов Файзулло Мамадуллоевич** – д.и.ф.-м, (ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракнии оптималӣ) узви шӯро; **Сафаров Ҷумабой** д.и.ф.-м., (ихтисоси 01.01.02 – муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракнии оптималӣ) узви шӯро; **Холназаров Санг** – д.и.п. (ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маориф) узви шӯро; барои гузаронидани ҳимояи якдафаина иҷозат медодед.

7. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи давлатии Данғара** таъин карда шавад.
8. Пешниҳод мегардад, ки муқарризони расмии диссертатсия **Шодиён Муҳаммад Султонзода** ва **Шарипов Нусратулло** таъин карда шавад.
9. Барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.
10. Ба нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои физикаю
математика, профессор — Сафаров Ҷ.С.

Узви комиссия: доктори илмҳои
физикаю математика, профессор — Шамсудинов Ф.М.

Узви комиссия:номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент — Хоҷаев А.М.

Тасдиқ мекунам:
Сардори ШК: — Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХФӢ